**Ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи номзадии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисосҳо ва самтҳои илм, ки аз рӯйи онҳо диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Рисолаи илмии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки аз рӯйи он ба шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз санаи 7 январи соли 2022, №16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф ба яке аз масъалаҳои мубрами ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст, ки дар он паҳлуҳои илмӣ-назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Инчунин, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар фазои илми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалӣ яке аз масъалаҳои баҳснок дар илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳисоб меравад.

Вобаста ба ин, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021 баррасӣ гардидааст, «... маҳз ба шарофати заҳмати содиқонаи халқи азизи Тоҷикистон ва дастгириву пуштибонии хурду бузурги кишвар аз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлату Ҳукумат мо мушкилоти зиёди иқтисодиву иҷтимоиро бартараф сохта, як кишвари орому босубот ва рӯ ба тараққиро бунёд намудем».

Ҳолати мазкур гувоҳи аз он медиҳад, ки рушди илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ баъди бадаст овардани Истиқлоли давлатӣ дониста мешавад, ки дар доираи таҳқиқоти илмии диссертатсионӣ мавриди таҳлил қарор додани мавзуи матраҳгардида мубрам маҳсуб дониста шудааст.

Натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф барои рушди илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мувофиқ мебошад. Дар маҷмуъ, пешниҳод ва дастовардҳои муаллиф барои рушди қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ ва такмили соҳа аҳаммияти муҳими илмӣ доранд. Ҳамзамон, хулоса ва натиҷаҳо метавонанд ҳангоми навиштани рисолаҳои илмӣ, магистрӣ, диссертатсионӣ, инчунин дар амалия ва дар рафти татбиқи санади судӣ дар сатҳи байналмилалӣ метавонад ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати таҳқиқоти илмиро нишон медиҳад.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф аз феҳристи ихтисораҳо, мукаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва услубу мантиқи таҳқиқот асос ёфтанд.

**Дар муқаддимаи диссертатсия,** мубрамияти мавзуи таҳқиқот асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиш, мақсад, вазифаи таҳқиқот, асосҳои методологии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти илмӣ-назариявии таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия баён карда шудааст.

**Боби якуми диссертатсия – «Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат мебошад.**

**Зербоби якуми боби якум** – «Ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, дар он муаллифи рисола пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ тахти таснифот қарор додааст.

Пайдоиши ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар сарзамини Тоҷикистони таърихӣ аз аҳди қадим нишон дода, фарогири марҳилаҳои аҳди қадим, асрҳои миёна, замони шуравӣ ва истиқлолияти давлатӣ медонад.

Дар натиҷаи омӯзиши махазҳои таърихӣ муаллиф пешниҳод намудааст, ки заминаҳои асосии пайдоиш ва рушди меъёрҳо ва падидаҳои ҷудогонаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба вазъи ҳуқуқии хориҷиён, яъне пайдоиш ва рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар сатҳи ниҳоии меъёрҳои ҳуқуқи миллӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқи хориҷиён рабъ дода, асонок намудааст.

**Зербоби дуюми боби якум** – «Мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ном дорад, ки дар он муаллиф мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи байналмилалии хусусиро таҳлил намуда, аз рӯйи якчанд соҳаҳои ҳуқуқ маънидод намудааст. Яъне диссертант қайд менамояд, ки ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ, аз маҷмуи меъёрҳои мураккаби ҳуқуқи иборат аст, ки муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайри молумулкӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, робиттаҳои иқтисоди ҳориҷӣ, илмӣ-техникӣ, фарҳангӣ, соҳибкорӣ, нақлиёт, сайёҳӣ, сармоягузори дар бахши хусусӣ, мурофиавии маданӣ ва иқтисодӣ, иҷрои супоришҳои судӣ, санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, созишномаи тарафҳо ва дигар масъалаҳое, ки қисми таркибии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро бо унсури хориҷӣ ташкил мекунад, танзим менамояд.

**Зербоби сеюми боби якум** – «Таносуби ҳуқуқи оммавӣ ва ҳуқуқи хусусӣ таъсири онҳо ба рушди ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» ном дошта,

(саҳ 89) муаллиф ба маврид қайд мекунад, ки муносибатҳое, ки ҳуқуқи хусусӣ танзим менамояд, давлат имконият надорад, ки ҳамаи ин муносибатҳоро танзим намояд, яъне ҳуқуқи хусусӣ муносибатҳои ҷамъиятиро ҳама вақт дар асоси унсурҳои ҷомеаи озоду баробар дар предмети худ лоиқ медонад, алоқамандии зичи ҳуқуқи оммавӣ бошад дар ин муносибатҳои мазкур аз доираи предмети он дур нест, инчунин дар ин соҳаҳои асосии ҳуқуқ принсипҳои умумии ҳуқуқи хусусӣ ва оммавӣ нақши асоси доранд. Мисол, дар тақсим кардани принсипи баробарии субъекҳо, ки давлат ҳамчун субъект дар ин муносибатҳо баромад кунад ва бо хусусиятҳои фарққунандаи соҳаҳои мазкур аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

**Боби дуюми диссертаатсия – «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ҳамчун соҳаи ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном дошта, аз се зербоб иборат аст.**

**Зербоби якуми боби дуюм** – «Предмет ва усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ном гирифтааст. Дар таҳқиқоти зербоби мазкур таъкид шудааст, ки предмети соҳаи мазкуро он муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ ташкил мекунад, ки танзими идоранамудани унсури онро табиати ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар худ нигоҳ медорад. Ҳангоми баррасии унсури хориҷӣ бошад қонуни ду давлат дида мешавад, ки дар он баррасии масъала (мисол, баррасии парванда, ҳалли баҳсҳо ва муҳокимаи даъвое, ки дар ин ё он давлат бояд ҳал карда шавад) дар қонунгузории ду кишвар мавқеи хориҷии муносибатҳои байналмилалии хусусӣ дар меъёрҳои моддӣ ва мурофиавӣ бевоситаи он муқаррар карда шуда бошад, пешниҳод карда шудаст.

Усулҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба се гуруҳ ҷудо карда шудааст: – усули коллизионӣ-ҳуқуқӣ, усули моддӣ-ҳуқуқӣ ва усули ягона (унификатсия)-ҳуқуқӣ.

**Зербоби дуюми боби дуюм** – «Таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ шудааст. Робитаи ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи

байналмилалии хусусӣ дар доштани мақсади ягона, яъне танзими муносибатҳои байналмилалӣ фаҳмида мешавад. Аммо бо чунин хусусиятҳо таносуби ҳуқуқи байналмилалии оммавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, вобаста ба предмет, усулҳо, субъект, объект, принсипҳо, сарчашмаҳо, тарзи ҳалли баҳсҳо, ҷавобгарӣ ва доираи амал онҳо пешниҳоди илм карда шудаст.

**Зербоби сеюми боби дуюм** – «Илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» номгузорӣ карда шудааст, ки муаллиф дар чунин андеша қарор дорад, асосҳои пайдоиш ва ташаккули илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ аз чунин зуҳротҳои ҷаъиятиву давлатӣ медонад: 1) низоми ҳуқуқи давлат бо куллӣ тағийр дода шуд; 2) сиёсати давлат дар самти муносибатҳои дохилӣ ва хориҷи кишвар ҳамчун давлати мустақил дар давраи гузариш қарор дошт; 3) ҳамкории давлат дар бахши хусусӣ муайян карда шуд; 4) давлат узви ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ пазируфта шуд; 5) давлат мустақилона масъалаҳои байни давлативу ҳукуматиро байни дигар давлатҳо муайян намуд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти илмӣ диссертант нуктаҳои илмии назариявӣ ва тавсияҳои амалиро ба ҳимоя пешниҳод намудааст, ки баҳри мукаммал гардидани қонунгузории маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва мурофиавии маданӣ дар амалия ва дар маҷмуъ амалисозии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Натиҷаи кор, хулоса ва тавсияҳое, ки аз ҷониби рисоланавис манзур гардидаанд, бо дарназардошти таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ, қонунгузории давлатҳои хориҷӣ, инчунин андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ сурат гирифтаанд, ки асоснокии онҳоро ифода менамоянд.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар низоми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун соҳаи мустақили ҳуқуқ эътироф намуда пешниҳод намудааст.

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф хам аз лиҳози илмӣ-назариявӣ ва амалӣ мубрам ба шумор меравад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи соҳаи мазкур дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, махсусан ҳуқуқи маданӣ, оилавӣ ва меҳнатии кишвар маҳсуб мегардад. Он аввалин таҳқиқоти илмии ба забони тоҷикӣ таҳияшудае мебошад, ки дар он масоили ҳуқуқии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ дар муқоиса ба қонунгузории миллӣ ва давлатҳои хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, аз якчанд навгониҳо иборат мебошад. Дар рисолаи илмии мазкур як қатор муқаррарот, таклифу тавсияҳои нав ҷиҳати мукамалгардонии минбаъдаи қонунгузории ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ, соҳибкорӣ ва ғайраҳо пешниҳод шуданд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда**.

Муқаррароти илмии диссертатсия ва натиҷаҳои илмӣ, ки дар бобҳо ва зербобҳо, хулосаи кор ифодаи худро ёффтаанд, аз саҳми шахсии муаллиф дарак медиҳанд. Эътимоднокӣ ва дурустии аксари муқаррароти илмӣ ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия ифода ёфтааст, дар вусъат ва гуногунии заминаи сарчашмаҳои хуб таҳияшуда дониста мешавад. Ҳамзамон, муаллиф ақидаҳои худро тавассути мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар семинарҳои илмӣ-назариявӣ ва конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ пешкаши илм намудааст.

Боиси қайд аст, ки эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи таҳқиқоти илмӣ-назариявӣ ва амалӣ оид ба соҳаи мустақили ҳуқуқ дар низоми ҳуқуқи миллӣ асос меёбад.

**Аҳаммияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф аҳамияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ дорад. Зеро, ки хулосаҳо ва

пешниҳоду натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бадастомада метавонад барои ҳалли масъалаҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамзамон ҷиҳати ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудбудаи самти мазкур, мусоидат намояд.

Натиҷаи таҳқиқоти бадастомада мумкин аст дар ҳалли як қатор мушкилоти дар илми ҳуқуқи миллӣ ва байналмилалии хусусӣ мавриди истифода қарор гирад. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мегардад, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат, ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар вобаста ба муносибатҳои байналмилалии хусусӣ метавон хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқотро истифода намуд. Хулосаву пешниҳодҳои таҳқиқоти диссертатсионии манзур гардида, барои амалияи ҳуқуқтатбиқсози муносибатҳои байналмилалии хусусӣ аҳамияти калон дорад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ**. Оид ба муҳтавои диссертатсия муаллиф 9 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ ва 2 мақолаи илмӣ дар дигар нашрияҳои ватанӣ ба нашр расонидааст. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳои бадастовардаи муаллиф, дар диссертатсия баъзе масъалаҳои баҳснок ба назар мерасанд, ки аз нигоҳи илмӣ баҳснок мебошанд ва онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст:

1. Муаллифи рисолаи илмӣ дар пешниҳоди якуми худ қайд мекунад, ки дар маҷмӯаҳо гирд овардан ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ амри саривақти дониста мешавад, яъне бо кодификатсияи қонунҳо вобаста ба хусусиятҳо ва функсияи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод

менамояд, ки «Кодекси байналмилалии хусусии Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳияи ва қабул карда шавад.

Дар ин хулосабарории муаллиф масъалаи кодекси алоҳида қабул намудан ба тариқи истинод, баҳснок мебошад. Зеро он муносибатҳое, ки дар меъёрҳои кодекси маданӣ, оилавӣ ва меҳнатӣ муқаррар гардиданд, ҷудо намудани онҳо ғайриимкон мебошад. Аз ин рӯ, муаллиф оид ба ин масъала мавқеи худашро мушаххас намояд.

2. Диссертант дар таҳқиқоти худ ба масъалаи субъектони ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ таваҷҷуҳ карда бошад ҳам аммо ба таври мушаххас нисбат ба онҳо андешарони накардааст, яъне субъектони ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар чунин мазмун тасниф кардааст (шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва давлат, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ, шахси бешаҳрванд, шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, (саҳ 67 )). Зеро дар таҳқиқоти мазкур нисбати давлат, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ кам таваҷҷуҳ кардааст.

Бо ин назардошт аз муаллиф пурсида мешавад, ки дар мавриди ҳимояи ошкорои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи мазкур равшани андозад.

3. Дар пешниҳоди панҷум (Пешниҳодҳое, ки ба такмили қонунгузории оила равона гардидаанд) муаллиф баён медорад, ки "Боби 22-юми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таҳрири зерин ифода карда шавад: «Истифодаи қонунгузории никоҳ ва оила дар муносибатҳои байналмилалии хусусӣ нисбати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд татбиқ мегардад». Вале тақрибан чунин меъёр дар боби 22-юми Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой дорад. Аз муаллиф асоснокиунии иловагӣ вобаста ба пешниҳоди мазкур талаб карда мешавад.

Эродҳое, ки қайд гардидаанд, дар умум ҳангоми баҳодии мусбати таҳқиқоти диссертатсионӣ нақши муайянкунандаро намебозанд ва танҳо шаҳодати он мебошад, ки масъалаҳои баррасишаванда хеле муҳим буда,

мурракаб ва баҳснокан ва муаллиф дар ҳалли баъзе масъалаҳо дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, адабиётҳои соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуқтаи назари муаллифии худро пешниҳод намудаст, ки ин хоси гузаронидани чунин таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мазмуни диссертатсия шаҳодат аз он медиҳад, ки бо пурраги кофи будани мазмуни баён, мазмуни баланд ва навгонии илмӣ доштани онро нишон медиҳад. Диссертант аз натиҷагириҳои илмӣ хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он метавонад барои рушди илми муосири ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ва низоми ҳуқуқи миллӣ саҳми сазоврои худро гузорад.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсиоиии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Диссертатсияи Абдуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба талаботҳои бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июли соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд

Диссертатсия аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ нуқтаҳои навини илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ба монанди мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амал, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

Диссертатсияи мазкур фарогири масъалаҳое мебошад, ки барои рушди илми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқи миллӣ мусоидат менамоянд.

Хулоса, таҳқиқоти диссертатсионии Абудуллозода Ёқуб Маҳмадисуф дар мавзуи «Мақоми ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба талабот оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) сазовор мебошад.

Муқаррризи расмӣ:
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
дотсент, мудири кафедраи ҳуқуқи
байналмилалӣ ва ҳуқуқшиносии
муқоисавии Донишгоҳи (Славянии)
Русияву Тоҷикистон Аминова Ф.М.

Имзои Аминова Ф.М.–ро тасдиқ мекунам.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон Раҳимов А.А.

«__» 04 соли 2025

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Донишгоҳи (Славянии) Русияву Тоҷикистон,
734025, ш. Душанбе, кучаи Мирзо Турсунзода 30,
Телефон: (+992 37) 221-35-50,
Email: rtsu@mail.ru,
htpp://www.rtsu.tj